Тақриз

ба автореферати диссертатсияи номзадии Халиков Масъудҷон Ғафурович дар мавзуи «Муродифот дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – забони тоҷикӣ

Забоншиносии тоҷик дар замони шуравӣ ва дар се даҳаи соҳибистиқлолӣ ба дастовардҳои зиёде ноил гашта, қариб ҳар падидаи забониро, чи дар сатҳи мақолаи илмӣ ва чи дар сати монография, мавриди баррасӣ қарор додаанд. Аз ҷумлаи масоиле, ки дар забоншиносии тоҷик мавриди таваҷҷуҳи донишмандон буда, ин падидаи муродиф ба шумор меравад. Чунончи дар робита ба ин масъала донишмандоне, аз қабили М.Муҳаммадиев, Р.Ғаффоров, С.Аминов, У.Саъдуллоев ва дигарон таҳқиқ анҷом додаанд. Вале ба назар мерасад, ки дар робита ба ин масъала ҳанӯз ногуфтаҳо зиёд будаву паҳлуҳои дигари он ниёз ба пажуҳиш доштааст. Ин нукта аз таҳқиқи унвонҷӯ Халиков М.Ғ. дар мавзуи "Муродифот дар "Тарҷумаи Тафсири Табарӣ" таъйид мешавад. Аз мутолиаи фишурдаи диссертатсияи унвонҷӯ Халиков М.Ғ. бармеояд, ки ҷанбаҳои ҷуфтӣ ва пайиҳамии муродифот на фақат дар забоншиносии тоҷик, балки дар забоншиносии дигар миллатҳо ҳанӯз ба таври зарурӣ омӯхта нашудааст ва иллати онро унвонҷӯ дар набудани ин падида дар бештари забонҳо медонад. Ба таъкиди мавсуф, забони тоҷикӣ аз ангуштшумортарин забонҳое ба шумор меравад, ки дар он барои пуробуранг ва хушоҳанг намудани гуфтор аз муродифоти ҷуфту пайиҳам ба таври густарда истифода мешавад. Ба фарқ аз забони англисӣ, ки дар чанд асри охир аз чунин падидаи забонӣ маҳрум гаштааст, дар забони тоҷикӣ ҳанӯз аз замони сомониён инҷониб ин падида побарҷо ва ба гунае ташаккул ёфтааст.

Мавриди зикр аст, ки таҳқиқи унвонҷӯ Халиков М.Ғ. бар асоси маводи "Тарҷумаи Тафсири Табарӣ", ки аз машҳуртарин осори насрии асримиёнагии форсу тоҷик ба шумор меравад, сурат гирифтааст. Воқеан, навгонии ин таҳқиқ, аз як тараф, дар асоси маводи "Тарҷумаи Тафсири Табарӣ" анҷом

шудани он бошад, аз тарафи дигар, баррасии худи мавзуи муродифоти ҷуфту пайиҳам дар забони тоҷикӣ аз навгониҳои он ба шумор меравад.

Фишурдаи диссертатсияи Халиков М.Ғ. аз муқаддима, се боб, нуҳ фасл, хулоса, феҳристи адабиёт таркиб ёфта, дар охири он тавсияву пешниҳодҳо ва маводи банашррасонидаи унвонҷӯ оварда шудааст. Воқеан, унвонҷӯ муваффақ шудааст, ки дар фишурда бобҳову фаслҳоро ба гунае талхис намояд, ки сарфи назар аз муҷазӣ ҳадафу вазифаҳои таҳқиқро пурра инъикос намояд. Чунончи бо мутолиаи фишурда метавон дар мавриди мавқеи корбурди истилоҳи муродиф ва мутародиф дар забону забоншиносии тоҷик, сайри таърихии вожагони муродифу мутародиф, омори муродифот ва силсилаи муродифии луғавӣ дар "Тарҷумаи Тафсири Табарӣ", корбурди муродифҳои ҷуфт дар асари мазкур, баромади забонӣ, оҳангнокӣ ва ҳамвазнии муродифҳои ҷуфт, инчунин, воситаҳои алоқаи муродифҳои пайиҳаму шабоҳат ва тафовути ин падида муродифҳои ҷуфт ва ғ. маълумоти муфиде пайдо кард.

Ба боварӣ метавон гуфт, ки фишурда фарогири муҳтавои диссертатсияи номзадии Халиков М.Ғ. буда, ба меъёрҳои фишурдаҳои номзадӣ ҷавобгӯ мебошад.

Дар баробари дастовардҳо дар фишурда камбудиҳое низ ба назар мерасад, аз ҷумла:

1. Хуб мебуд, агар унвонҷӯ мисолҳои бо забони арабӣ овардаро (с.19, 21) ба овонавис меовард;

2.Мубҳам овардани иқтибос. Дар с.12 асар унвонҷӯ аз китоби "Забони миллат – ҳастии миллат" иқтибос овардааст, вале дар он гуфта нашудааст, ки чунин калимот дар кадом асар омадааст.

Эродҳои овардашуда арзиши илмии фишурдаро коста нанамуда, балки ислоҳи онҳо арзиши онро болотар менамояд.

Диссертатсияи Халиков Масъуд Ғафурович дар мавзуи «Муродифот дар "Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» таҳқиқи анҷомёфта ва ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

ҷавобгӯ мебошад. Муаллифи он – Халиков М.Ғ. дарёфти дараҷаи илмии номзади филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. - Забони тоҷикӣ мебошад.

Муқарриз:

Номзади илми филология, дотсенти
кафедраи забонҳои Донишгоҳи байналмилалии
сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Наҷмиддинова У.С.

Нишонӣ:

734055, шаҳри Душанбе,
Кӯчаи Борбад, 48/5. Почтаи электронӣ:https://iutet.tj
Телефон: (+992 37)2 34 88 01
15 декабр соли 2022

"Имзои дотсент Наҷмиддинова У.С. -ро тасдиқ менамоям".
Сардори шӯъбаи кадрҳо ва корҳои махсусӣ
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ
ва соҳибкории Тоҷикистон Ҷураев Ш.Н.